آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

7 январи соли 2026
Чоршанбе
№ 2
(15221)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Самараи ислоҳот*

## СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ӮЗБЕКИСТОН: АЗ ҲАМСОЯГИИ НЕК ТО НУФУЗИ ҶАҲОНӢ

***Соли сипаришудаи 2025-ро метавон ҳамчун соле тавсиф кард, ки Ӯзбекистон дар сиёсати хориҷӣ, рушди иқтисод ва ҳаёти фарҳангии кишвари мо марҳилаи наверо оғоз кард ва нуфузи онро дар арсаи байналмилалӣ ба таври назаррас афзоиш дод. Ӯзбекистон ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ сиёсати хориҷии фаъолро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон пеш бурда, муносибатҳои мутақобилан судмандро бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ фаъолона инкишоф дод. Муҳимтар аз ҳама, сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна ва пешрафтаи кишвари мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон эътироф шудааст. Имрӯз кишвари мо ба рӯи ҷаҳон боз шуда, бо ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкории баробарҳуқуқ ва мутақобилан судмандро идома медиҳад.***

Роҳбари давлатамон Шавкат Мирзиёев оид ба сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна ва пешрафтаи кунунии Ӯзбекистон нуктаҳои зеринро таъкид карда буд: «Мо дар муколамаҳои худ бо чандин созмони байналхалқӣ ва роҳбарони давлатҳо таваҷҷӯҳро ба эътимоди мутақобила, адолат ва ҳамбастагӣ дар сатҳи ҷаҳон ҷалб намуда, инчунин зарурати афзалият додани онҳоро дар муносибатҳои байналхалқӣ таъкид кардем. Зеро маҳз тавассути чунин муколамаҳои ошкоро ва самимӣ ва равишҳое, ки ба эҳтиром, ба манфиат ва ҳуқуқи ҳамаи ҷонибҳо асос ёфтаанд, ба ҳадафҳои умумӣ ноил шудан мумкин аст».

Дар ҳақиқат, дар солҳои охир ҷуғрофияи муносибатҳои байналмилалии кишвари мо, ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ ва муассисаҳои молиявии ҷаҳон ба таври назаррас васеъ шуда, ба сатҳи сифатан нав расид. Хулоса, имрӯз Ӯзбекистон бо 165 кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст ва узви комилҳуқуқи зиёда аз 100 созмони байналмилалӣ мебошад.

Дар соли 2025 сиёсати хориҷии Ӯзбекистон дар асоси тамоюлҳои ошкорӣ, прагматизм ва муколамаи созанда ба амал татбиқ гардид. Сиёсати хориҷии давлатамонро самтҳои афзалиятнок ба монанди таҳкими суботи минтақа ва фазои эътимод дар Осиёи Марказӣ, густариши дипломатияи бисёрҷониба ва ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ, мавқеи устувор ва фаъол дар мушкилоти ҷаҳонӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, амният ва рушди устувор муқаррар кардааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки соли 2025 барои сиёсати хориҷии Ӯзбекистон соли хеле пурмаҳсул буд. Ба шарофати стратегияи роҳбари кишвари мо дар дурнамои сиёсати хориҷӣ, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои мардуми мо дар ҳар гуна шароит нигаронида шудааст, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд. Аз ҷумла, бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати ба сатҳи нав баровардани муносибатҳо дар рӯҳияи дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва шарикии стратегӣ дастовардҳои зиёд ба даст оварда шуданд, масалан дар тӯли 7-8 соли охир, бо талошҳои қатъии роҳбари Ӯзбекистон Осиёи Марказӣ, ки қаблан муносибатҳои дохилии минтақа хеле пароканда ва пур аз низоъ буд, ҳоло дар саҳнаи байналхалқӣ ҳамчун фазои ягонаи геополитикӣ зуҳур кардааст. Ба шарофати сиёсати хориҷии прагматик ва оқилона дар байни кишварҳои минтақа сулҳу субот ва эътимоди мутақобила ташаккул ёфт, мушкилоти марбут ба ҳаёти мардумони минтақа пайи ҳам ҳаллу фасл мегарданд.

Мулоқотҳои сатҳи баланд бо кишварҳои ҳамсоя ба таври мунтазам сурат гирифта, дар масъалаҳои марзӣ, обу энергетика, нақлиёт ва амният қарорҳои созанда қабул карда шуданд. Масалан, 31 марти соли 2025 роҳбарони Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар доираи барномаи фарҳангии ҳамоиш дар шаҳри Хуҷанд ҳуҷҷати таърихии марзиро имзо карданд.

Ин як қадами муҳим дар амнияти аҳолӣ ва ҳамгироии минтақавӣ буд. Созишномаҳое, ки дар масъалаҳои марзӣ ба даст омаданд, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоте, ки солҳои тӯлонӣ дар минтақа боқӣ монда буданд, хидмат хоҳад кард. Ин мавқеи Ӯзбекистонро ҳамчун ташаббускори пешсаф дар ҳамгироии минтақа боз ҳам тақвият бахшид.

Дар тӯли соли 2025, вохӯриҳои машваратӣ, форумҳои иқтисодӣ ва муколамаҳои амниятӣ байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври муайян сурат гирифтанд. Чунин равандҳо ҷиҳати тақвияти ҳамкории минтақавӣ хизмат мекунад. Ҳафтумин вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (Тошканд, 15-16 ноябр) далели равшани андешаи мост.

Ғайр аз ин, соли 2025 соли рушди назарраси форматҳои «Осиёи Марказӣ+» ҳамчун модели нави дипломатияи бисёрҷониба дар Осиёи Марказӣ гардид. Баргузор гардидани саммит ва мулоқотҳо дар тӯли сол, аз қабили C5+1 (Осиёи Марказӣ + ИМА); Осиёи Марказӣ + Иттиҳоди Аврупо; Осиёи Марказӣ + Ҷопон ба ҳамгироии амиқи минтақа ба равандҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Аз ҷумла, ҳамоиши Иттиҳоди Аврупо + Осиёи Марказӣ, ки 3-4 апрели соли гузашта дар Самарқанд баргузор гардид, як чорабинии муҳими дорои аҳамияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар таҳкими робитаҳои стратегӣ бо Аврупо буд. Дар натиҷаи мулоқоти пурсамари роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иёлоти Муттаҳида дар формати «C5+1» бошад, (6 ноябр, Вашингтон) муносибатҳои дуҷонибаи шарикии стратегӣ ва ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузорӣ барқарор карда шуданд.

Дар давоми сол дар шаҳрҳои мамлакатамон як қатор ҳамоишҳо ва форумҳои бонуфуз баргузор гардиданд. Аз байни ин конфронсҳо, бояд иҷлосияи 43-юми Конфронси генералии ЮНЕСКО (Самарқанд, 30 октябр - 13 ноябр)-ро махсус қайд кард. Ин як дастоварди воқеан бузурги дипломатӣ аст, зеро чунин конфронси бонуфуз бори аввал дар кишвари мо баргузор гардид.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Дар ноҳияи Янги Намангон маросими ба истифода супоридани зинаи якуми лоиҳаи корхонаи «Nano pharmacevtical», ки ба истеҳсоли доруворӣ ихтисос ёфтааст, баргузор гардид.*

*Тавре ки қайд карданд, имрӯз дар вилояти Намангон 811 муассисаи тиббӣ фаъолият дорад, ки аз он 248,8-тоаш ба сектори давлатӣ ва 569-тоаш ба бахши хусусӣ шомил аст.*

*Ба нақша гирифта шудааст, ки дар корхона 60 миллион дона (40 навъ) доруворие, ки 12 миллион доллар арзиш дорад, истеҳсол мегардад. Аз ин миқдор маҳсулоти арзишаш 6 миллион доллар ба содирот пешбинӣ шудааст.*

***Хидмати ахбори ҳокимияти вилояти Намангон.***



## МАНБАИ МУҲИМИ ЭНЕРГИЯ

***Дар ҳудуди ноҳияи Фориш ба сохтани нерӯгоҳи барқии атомӣ шурӯъ намуданд.***

***Муайян намудани майдони аниқ барои сохтани нерӯгоҳи барқии атомӣ ҳанӯз соли 2019 оғоз ёфта буд. Моҳи майи соли 2020 ба имзо кардани шартнома муваффақ шуданд. Ҳамаи ин корҳо ба туфайли дастур ва нишондодҳои Президенти мо Шавкат Мирзиёев сурат мегирад. Ва баъдан бо ҳамкориҳо миёни «Росатом» ва Агентии «Ӯзатом» амалӣ мегарданд.***

Гуфтан ҷоиз аст, ки интихоб гардидани ҳудуди ноҳияи Фориш баҳри сохтани нерӯгоҳ аз ҳар нигоҳ мувофиқ аст. Назар ба гуфти директори агентии «Ӯзатом» Азим Аҳмадхӯҷаев майдони сохтмон пурра муайян гардид ва ҳоло корҳои омода намудани замин ҷараён доранд. Дар кори сохтмон ва амалӣ гардидани ин лоиҳаи бузург на фақат коршиносони ватаниву ҷониби Русия, балки аз Ҷопону Олмон низ экспертҳо ширкат менамоянд.

Бахшида ба сохтмони Нерӯгоҳи барқии атомӣ ва амалӣ намудани ин лоиҳаи бузург ба наздикӣ дар толори Маркази фарҳанги ноҳияи Фориш шунидани афкори ҷамоатӣ доир гардид. Дар он коршиносон, ходимони ҳокимияти маҳалӣ, идораҳои экологӣ, фаъолон, кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат намуданд, ки дар маҷмӯъ қариб сесад нафарро ташкил дод.

Коршиносону экспертҳои ҷумҳурӣ ва хориҷӣ (бештар ҷониби Русия) зимни баррасии лоиҳаҳо аз бартарии ин иншооти муҳим ҳарф заданд. Аз ҷумла, назар ба гуфти директори Институти илмӣ-тадқиқотии физикаи ядрои ҷумҳурӣ, академик Илҳом Содиқов одамон ҳоло андешаи онро мекунанд, ки гӯё сохтмони нерӯгоҳ хавфе ба олами атроф ба миён меоварад. Аммо дар асл ҳаргиз ин тавр нест. Ин иншооти замонавӣ бехатариро дорост. Ва нисбат ба нерӯгоҳҳое, ки бо истифодаи ангишт кор мекунад, якчанд маротиба кам партов ҳосил менамояд. Ба таври одӣ гӯем, агар аз сӯзишвории ангишт кӯҳ-кӯҳ партов ҳосил шавад, аз ин нерӯгоҳ ҳамагӣ чанд қуттӣ партов ба вуҷуд меояду халос.

Зимни шунидани афкори ҷамоатӣ таъкид гардид, ки сохтмони нерӯгоҳ чор марҳиларо дарбар мегирад. Солҳои 2029-30 ду энергоблоки хурд ба кор андохта мешавад. Ва рафта-рафта солҳои 2034-35 ду энергоблоки бузург ба кор медароянд. Дар натиҷа 13-15 фоизи қувваи барқи умумии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад, ки ин 2110 МегаВТро ташкил медиҳад.

Ҳоло барои коргарон шаҳрак месозанд. Аз маҳаллаи Қизилқум хати оби тозаи ошомиданӣ мекашанд. Барои ба кор андохтани энергоблокҳо аз оби кӯли Айдар истифода мебаранд. Барои сохтмони нерӯгоҳ даҳ-понздаҳ ҳазор нафар иштирок мекунанд. Дар сурати ба кор даромадани нерӯгоҳ соли 2035 1,5 ҳазор нафар бо кори доимӣ таъмин мегарданд.

Дар вақти шунидани афкори ҷамоатӣ қариб сесад суол карда, аз масъулин посух гирифтанд. Бештари ин суолҳо аз он иборат буд, ки оё ба муҳити атроф таъсири манфӣ намерасонад, одамон то кадом андоза бо шуғл фаро гирифта мешаванд, бештар ба кадом мутахассисон ниёз пайдо мегардад?

Татбиқи лоиҳа на танҳо барои вилояти Ҷиззах нафъ меоварад, балки боиси рушди саноати Навоиву Сирдарё, умуман пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақа хоҳад гашт. Зеро ин на фақат дар Ӯзбекистон, балки дар минтақа ягона аст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
*вилояти ҶИЗЗАХ.*

*Муносибат*

***26 декабр Президенти Ӯзбекистон дар Мурожиатномааш ба Олий Маҷлис ва мардуми кишвар, бо зикри рушди устувори иқтисод дар соли 2025 новобаста аз буҳронҳои ҷаҳонӣ, ғояи муттаҳидкунандаи манфиати Ватан ва нақши калидии маҳаллаҳоро таъкид сохта, пешниҳод кард, ки соли 2026 «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» эълон карда шавад.***

## МУРОҶИАТНОМАИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН: САМТИ ИСЛОҲОТИ ВАСЕЪМИҚЁС

Маълум аст, ки бори аввал дар таърихи Ӯзбекистон 22 декабри соли 2017 Сарвари давлат ба ҳар ду палатаи Олий Маҷлис бо Паём муроҷиат намуд. Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис миқёс, моҳият ва аҳамияти самтҳои мушаххаси ислоҳотро муайян намуда, ба оғози марҳилаи нав на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми минтақа замина гузошт.

Муроҷиатнома ҳуҷҷати барномавии сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, дидгоҳи Президенти кишварро оид ба самтҳои стратегии рушди давлат дарояндаи наздик ифода мекунад. Таҳлили паёмҳо нишон медиҳад, ки Президент муносибати ҳукуматро бо мардум бар пояи ошкорӣ ва омодагии ҳукумат барои ошкоро сухан гуфтан дар бораи масъалаҳое, ки мардуми Ӯзбекистонро нигарон мекунанд, ташаккул медиҳад.

Президенти Ӯзбекистон 26 декабри соли 2025 бо Муроҷиатномаи навбатии солонаи худ ба парлумон ва мардуми Ӯзбекистон баромад намуд. Ба Олий Маҷлис ва мардуми сермиллати кишвар бо Муроҷиатнома барои соли оянда рӯ оварда, Президент Шавкат Мирзиёев таъкид кард: «Мо бо шумо соли бисёр душворро паси сар кардем», вале ҳамзамон «дар соли 2025 дар ҳамаи соҳаҳо ба дастовардҳои бузург ноил гардидем».

Далелу рақамҳое, ки Сарвари давлат пешниҳод намуд, дурустии чунин хулосаҳоро тасдиқ мекунанд. Дар соли сипаришуда бори аввал дар таърихи кишвар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 145 миллиард доллари ИМА гузашт.

Дар шароите, ки дар низоми тиҷорати ҷаҳонӣ «қоидаҳои бозӣ» тағйир меёбанд, Ӯзбекистон ҳаҷми содиротро 23 фоиз зиёд намуда, онро ба 33,4 миллиард доллар мерасонад. Захираҳои тиллову асъор, ки пояи устувори молиявии идомаи ислоҳот ба ҳисоб мераванд, бори аввал аз 60 миллиард доллар бештар шуданд.

Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷие, ки дар ҳамин сол ба иқтисоди кишвар ҷалб гардиданд, ба 43,1 миллиард доллар расид. Ҳиссаи умумии сармоягузориҳо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 31,9 фоизро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо барои рушди устувори босуръати иқтисоди кишвар дар солҳои минбаъда заминаи мустаҳкам хоҳанд шуд.

— Соли 2026 дар рушди идоракунии давлатӣ, низоми суду ҳуқуқ, соҳаҳои иқтисод, маориф, илм, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва экология — яъне ҳамаи соҳаҳо бидуни истисно соли гардишӣ хоҳад гардид, — таъкид намуд Президенти кишвар.

Сарвари давлат ба самтҳои асосии афзалиятнок барои соли 2026 ҷудогона таваҷҷуҳ зоҳир намуд:

Самти якуми афзалиятнок — идома додани беҳтарсозии инфрасохтори маҳаллаҳо ва ва ба онҳо додани симои муосири Ӯзбекистони Нав мебошад.

Ин самт ба такмили инфрасохтори маҳаллаҳо, ободонии маҷмӯӣ, урбанизатсия ва дастгирии соҳибкорӣ вобаста аст. Меъёрҳои асосии андозҳо нигоҳ дошта мешаванд ва барои рушди соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла барои дастгирии занон ва ҷавонон захираҳои назаррас равона мегарданд.

Самти дуюми афзалиятнок — гузариши иқтисод ба модели рушди технологӣ ва инноватсионӣ мебошад. Дар соли 2026 ба кор даровардани садҳо лоиҳаи саноатӣ ва инфрасохторӣ, таъсиси марказҳои маълумотҳо, суперкомпютерҳо ва лабораторияҳои зеҳни сунъӣ пешбинӣ шудааст. Президент инчунин аз оғози корҳои вобаста ба партоби моҳвораи сунъӣ ва омодасозии нахустин кайҳоннаварди ӯзбек хабар дод.

Самти сеюм ба ҳавасмандгардонии талаботи дохилӣ марбут аст. Барои ипотека, рушди соҳаи хидматрасонӣ, маориф ва сайёҳӣ, инчунин густариши алоқаи ҳавоӣ ва роҳи оҳан маблағҳои калон равона карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ТАМОМИ ҶИДДУ ҶАҲДРО БАРОИ ХАЛҚУ ВАТАН САРФ МЕКУНЕМ

Муроҷиатномаи Президент ба Олий Маҷлис ва мардуми Ӯзбекистон хеле пурмуҳтавову мундариҷааш бой буд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти халқи кишварро фаро мегирифт. Хосатан, ин гуфтаҳои Президент дар вуҷуди ҳар як шаҳрванди кишвар эҳсоси ғурур ва ифтихор бедор намуд: «Мо ба марҳилаи муҳими бунёди Ӯзбекистони Нав ворид мешавем. Аз водии Фарғона то баҳри Арал, аз воҳаи Зарафшон то Қашқадарё ва Сурхондарё, аз Тошканд то Ҷиззах ва Сирдарё – новобаста аз он ки дар кадом минтақаи кишвари мо зиндагӣ мекунад, ҳар як шаҳрванд бояд натиҷаҳои ислоҳотро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ боз ҳам бештар эҳсос намояд».

Дар вилояти мо 1 ҳазору 15 ҷамоати шаҳрвандони маҳалла мавҷуд буда, дар он 6 ҳазору 300 нафар ходимон фаъолият мекунанд. Тавре ки дар Паёми Президент низ зикр гардид, масъалаи асосӣ таъмини аҳолӣ бо шуғл, афзоиши даромад ва боло бурдани сатҳи зиндагии онҳо мебошад. Мо дар ин росто сол аз сол ба дастовардҳои зиёд ноил мегардем. Танҳо дар соли 2025 392 ҳазор нафар соҳиби даромаде шуданд, ки маишати хонаводагиашонро пурра таъмин мекунад.

Мояи хушҳолист, ки беш аз 48 ҳазор оила аз камбизоатӣ баровarda шуданд ва 306 ҷамоати шаҳрвандон мақоми маҳаллаҳои холӣ аз камбизоатиро касб намуданд. Гузашта аз ин, 201 маҳаллаи вилоят ба қаламрави холӣ аз мушкилоти таъмини гармӣ табдил дода шуд. Агар дар оғози соли 2025 ҳаҷми камбизоатӣ дар вилоятамон 7,9 фоизро ташкил мекард, дар поёни сол он ба 3,8 фоиз коҳиш дода шуд.

Тавре ки дар маърӯзаи Сарвари давлатамон низ таъкид гардид, дар ин самт раисони ҷамоатҳои шаҳрвандӣ ва ҳафтгонаи маҳаллаҳо хидмати шоиста анҷом медиҳанд. Ба гуфтаи Президент сохтори ҳафтгонаи маҳаллаҳо танҳо дар кишвари мо арзи вуҷуд намудаву фаъолиятҳояшро беш аз пеш ба таври густурда идома медиҳад.

Мо дар оғози соли 2025 99 маҳалларо интихоб намудем, ки ба тоифаи маҳаллаҳои вазъияташон вазнин шомил буданд. Ҳокимияти вилоят барои беҳбуди вазъият аз буҷаи худ 3 миллиард сӯм ҷудо намуд. Ин маблағи кофӣ буд, ки барои таъмини аҳолӣ бо обу барқ ва мумфаршу ҳамвор гардонидани кӯчаву паскӯчаҳои маҳаллаҳои мазкур масраф гардид.

Дар фазои Ӯзбекистони Нав саноатикунонии маҳаллаҳо аз масъалаҳои мубраму зарурӣ шумурда мешавад. Мо тавонистем ҳудудан 224 маҳалларо ба маҳаллаҳои саноатӣ шомил кунем, ки алҳол дар болоравии иқтисодиётамон нақши муассир мебозанд. Танҳо 135 маҳалла ба корҳои хизматрасонӣ ихтисос дода шудаанд, ки аз ин ҳисоб даромади аҳолӣ беш аз пеш меафзояд ва онҳо аз зиндагии хубу фаровон баҳраманд мешаванд.

Ногуфта намонад, ки дар масъалаи ободу зебогардонии маҳаллаҳо вилоятамон дар ҷумҳурӣ аз қатори пешсафон ҷой гирифтааст. Мо сол аз сол корҳои ободу зебо намудани ҳар як маҳалларо вусъат бахшидаем ва он натиҷаҳои пурсамарро ба бор меоварад. Дар озмуни ҷумҳуриявии «Маҳаллаи аз ҳама обод» ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Азимободи ноҳияи Олтиариқ соҳиби ҷои аввал ва мошини сабукрав гардид.

Боиси ифтихор аст, ки Президент Шавкат Мирзиёев соли 2026-ро «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» эълон кард. Ин ғайр аз он ки моро рӯҳу тавони тоза бахшид, масъулиятамонро низ дучанд намуд. Зеро бевосита дар сохтори маҳалла хидмат мекунем, барои ҳамин минбаъд низ тамоми ҷидду ҷаҳди худро барои ҳифзу ҳимояи манфиатҳои мардум ва хидмати босадоқат ба Ватан равона мекунем.

**Адҳам ЗИЯВУДДИНОВ,**
**сардори садорати Иттиҳодияи маҳаллаҳои ҷумҳурӣ дар вилояти Фарғона.**

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЎЗБЕКИСТОН: АЗ ҲАМСОЯГИИ НЕК ТО НУФУЗИ ҶАҲОНӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ин аввалин конференсия мебошад, ки берун аз Париж дар тӯли қариб 40 сол баргузор гардида, ба 80-солагии таъсиси ЮНЕСКО — мақоми олии ин созмон рост омад. Дар конференсия беш аз 2800 намоянда аз 190 кишвар иштирок карданд. Дар доираи он беш аз 150 чорабинӣ баргузор гардид, ки зиёда аз 20-тои онҳо бо ташаббуси Ўзбекистон ташкил карда шуданд.

Илова бар ин, баргузор гардидани форумҳои байналмилалӣ, вохӯриҳои коршиносон ва муҳокимаҳои ҳамкорӣ, аз қабили иҷлосияи 150-уми Ассамблеяи Иттифоқи байнипарлумонӣ (Тошканд, 5-9 апрел) ва Форуми байналмилалии сармоягузорӣ (Тошканд, 9-12 июн) натиҷаҳои амалии дипломатияи Ўзбекистон мебошанд.

Дар аксари чунин конфронс ва форумҳо роҳбари давлати мо суханронӣ карда, мавқеи устувори Ўзбекистон ва пешниҳодҳои худро оид ба ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ва густариши ҳамкории байналмилалӣ эълон кард. Ташаббусҳои пешниҳодкардаи Ўзбекистон оид ба масъалаҳои рушди устувор, сулҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон дастгирӣ карда шуданд.

Кишвари мо, ба сифати узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳон барои ҳалли мушкилоти глобалӣ ва минтақавӣ муносибати масъулиятнокро пеш гирифтааст. Бо шарикони хориҷӣ дар соҳаҳои саноат, тиҷорат, кишоварзӣ, нақлиёт ва логистика ва бисёр соҳаҳои дигар созишномаҳо ба даст оварда шудаанд. Аз ҷумла, муносибатҳои ҳамкорӣ бо Русия, Чин, ИМА, Олмон, Фаронса, Британияи Кабир, Туркия ва кишварҳои бузурги Осиё боз ҳам тақвият ёфтаанд. Қадамҳои назаррас дар самти узвият дар Созмони ҷаҳонии савдо гузошта шудаанд.

Ўзбекистон инчунин дар кори СММ, СХШ, ИДМ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ фаъолона иштирок мекунад. Аз ҷумла, тавассути ҳамкорӣ бо СММ яккатор барномаҳо ва лоиҳа дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, рушди устувор, ҳуқуқи инсон ва муҳити зист амалӣ карда мешаванд, ба хусус, дар доираи ҳамкорӣ бо СММ якчанд барнома ва лоиҳа дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, рушди устувор, ҳуқуқи инсон ва муҳити зист амалӣ карда мешаванд.

Иштирок ва суханронии Президенти Ўзбекистон Ш. Мирзиёев дар ҷаласаи 80-уми СММ (Ню-Йорк, 20 сентябр) фаъолияти сиёсати хориҷии кишварро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам афзун намуд. Президенти мо андешаҳои худро дар бораи масъалаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии замони мо — сулҳ, рушди устувор, ислоҳоти СММ, ҳамкории минтақавӣ ва ҳуқуқи инсон баён намуда, мавқеи Ўзбекистонро дар дипломатияи бисёрҷониба тақвият дод.

Албатта, сиёсати хориҷии муттасил, ошкоро ва амалӣ, ки пеш гирифта мешавад, натиҷаҳои самарабахши худро медиҳад. Инро дар рақамҳо ва нишондиҳандаҳои гуногун ба таври возеҳ дидан мумкин аст. Дар давоми сол шумораи рекордии сайёҳон ба кишвари мо омаданд — тақрибан 11 миллион. Аксари онҳо шаҳрвандони ҳамсоякишварҳо — Қирғизистон, Қазоқистон ва Тоҷикистон мебошанд. Ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллии мо аз 40 миллиард доллари ИМА ва гардиши тиҷорати хориҷии кишвар аз 70 миллиард доллари ИМА зиёд хоҳад буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар паси дастовардҳои сиёсати хориҷӣ дар соли 2025 ҳадафҳои таҳкими истиқлолият ва ҳифзи манфиатҳои миллии мо дар арсаи байналмилалӣ, инчунин баланд бардоштани обрӯи байналмилалии Ўзбекистон нуҳуфта буданд.

Бо назардошти ин, интизор меравад, ки дар соли 2026 дар сиёсати хориҷии мо ба вазифаҳои муҳим, аз қабили амиқтар кардани муколамаи сиёсӣ бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ; пешбурд ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак оид ба ҳамкории саноатӣ дар самти иқтисодиёт; роҳандозии долонҳои нақлиётӣ ва амалӣ намудани иқтидори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ; рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар бахши энергетика; мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини амнияти озуқаворӣ ва тақвияти робитаҳои фарҳангӣ ва башардӯстона, таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад.

***

Гуфтан мумкин аст, ки соли 2025 барои Ўзбекистон аз воқеаҳои фарҳангӣ фаровон, таблиғи васеи мероси миллӣ ва тақвияти дипломатияи фарҳангӣ доманадор буд. Чорабиниҳои фарҳангие, ки дар дохили кишвар ва берун аз он баргузор гардиданд, санъат ва арзишҳои маънавии мардуми моро ба ҷомеаи ҷаҳон аз наздик шинос намуданд.

Ҷашнвора, форум ва конфронсҳои бонуфузи байналмилалии фарҳангӣ, ки дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Тошканд баргузор гардиданд, ҷанбаҳои беназири фарҳангии Ўзбекистонро дар арсаи ҷаҳон ба таври васеъ муаррифӣ намуданд.

Яке аз чорабинии бонуфуз Биенналеи Бухоро буд, ки аз 5 сентябр то 20 ноябр – бештар аз ду моҳ идома ёфт. Барномаи ин тадбири бузургро дурдонаҳои санъати Ўзбекистон ва ҷаҳон ташкил дод. Дар он зиёда аз 70 нафар эҷодкорони маҳаллию хориҷӣ лоиҳаҳои эҷодии худро намоиш доданд. Дар ҷараёни ин лоиҳаи бонуфуз намоиши асарҳои ҳунарӣ, шабнишиниҳои мусиқӣ, маҳфилҳои пазандагӣ, мастер-классҳои ҳунармандӣ, инчунин анҷуманҳои байналмилалӣ рӯйи кор омаданд.

Маданияти пазандагии мардуми мо ҷиҳатҳои хоси худро дорад. Яке аз омили муҳиме, ки боиси афзоиши таваҷҷуҳи сайёҳон ба Ўзбекистон мегардад, бахши гастрономии он мебошад. Ҷашнвораи гастрономии таомҳои миллии «World Halal Food Festival», ки дар Лондон баргузор гардид, таомҳои миллӣ ва намудҳои гуногуни шириниҳо ба намоиш гузошта шуданд. Чорабинии мазкур, ки бо ҳамкории сафорати мамлакат, сафири сайёҳии Ўзбекистон дар Британияи Кабир ва бренди таомҳои миллӣ – «Ошпаз» гузаронида шуд, дар тарғиби мероси ғании фарҳангӣ ва сайёҳии гастрономии Ўзбекистон нақши муҳимеро бозид.

Бо назардошти дастовардҳое, ки дар боло зикр шуданд, метавон гуфт, ки имрӯз Ўзбекистони Нав роҳи беназири рушди худро интихоб кардааст. Нобаваста аз он, ки расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои бузурге, ки дар пеши мо истодаанд, то чӣ андоза душвор аст, мо минбаъд низ фаъолона ба пеш ҳаракат хоҳем кард.

**Набия НОДИРОВА,**
**шореҳи «Овози тоҷик».**



*Папайя яке аз буттаҳои тропикӣ буда, хоси иқлими маҳаллии Бухоро набошад ҳам, дар солҳои охир вобкандиён онро ба як зироати анъанавии гармхонаи худ табдил додаанд. Ин растанӣ, ки дар шароити гармхона ҳосил ва даромади хуб медиҳад, ҳоло таваҷҷуҳи бисёре аз деҳқононро ба худ ҷалб кардааст, ки ба таври оммавӣ парвариш мешавад.*

*Гармхонаи сокини ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Шакаркент» Аваз Асадов ранги хеле зебо гирифтааст. Боғи аҷиби ӯро дида, чашмони кас медурахшад. Ӯ барои ин растанӣ аз боғи худ 1 сотих заминро ҷудо кардааст, ки дар он 8 бех папайя мева медиҳад.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***

# ЧОРАБИНИҲОИ ИДОНАИ СОЛИНАВӢ

***Имрӯзҳо Самарқанди қандманди бостонӣ рӯҳияти идона гирифта, хосатан дар майдони Кӯксарой, дар атрофи арчаи бошукӯҳ, ки 30 метр баландӣ дорад, сайру гашт аз субҳи солеҳон то нисфи шаб идома дорад. Бозичаҳо гуногун ва қариб сӣ ҳазор чароғакҳои ранга дарахти идонаро ба асари санъат табдил додаанд. Суруду оҳангҳои дилошӯбу дилнишин, рақсу бозии Бобои барфӣ ва Барфак, қаҳрамонҳои афсонаҳои халқӣ таъби хурдтаракону ҳозиронро болида месозанд.***

Инчунин дар минтақаҳои сераҳолии Саратеппа, Нурафшон, Қаросув, Хишрав ва майдони роҳи оҳан дарахтони зебо ва сабзи арча қад афрохтаанд, ки дар атрофи онҳо низ тадбирҳои пуршукӯҳи фарҳангӣ баргузор мегарданд.

Дар театрҳои вилоят барои мактаббачагон намоишҳои гуногун дар асоси афсонаҳои халқҳои ҷаҳон ба саҳна гузошта мешаванд.

Барои аз нозу неъматҳои боғу полиз пурфайз гардидани дасторхони идона дар 24 минтақаи шаҳри Самарқанд ярмаркаҳо ташкил шудааст, ки нарху наво нисбати бозор арзон аст.

Бояд таъкид намуд, ки чорабиниҳои пуршукӯҳи Соли Нав дар маркази тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят то 10-уми январ идома хоҳад ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# МУРОҶИАТНОМАИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН: САМТИ ИСЛОҲОТИ ВАСЕЪМИҚЁС

(Аввалаш дар саҳ.1).

Самти чоруми афзалиятнок ба ташаккули меъмории нави бозори меҳнат ва рушди таҳсилоти касбӣ бахшида шудааст. Навсозии техникумҳо, ҷорӣ намудани барномаҳои байналмилалии таълимӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯи талаботи муосир дар назар аст.

Самти панҷум ба масъалаҳои экология, рушди энергетикаи сабз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об бахшида шудааст. Дар соли 2026 барои ин ҳадафҳо маблағҳои назарраси буҷетӣ ҷудо гардида, оид ба коҳиши партовҳо, рушди нақлиёти экологӣ ва сабзкории минтақаҳо чораҳо амалӣ карда мешаванд.

Самти шашум ба идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва низоми суду ҳуқуқ вобаста аст. Навсозии пурраи ҳукумати электронӣ, густариши хидматрасониҳои рақамии давлатӣ ва таҳкими нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ пешбинӣ шудааст. Мубориза бо ҷинояткории марбут ба маводи мухаддир ба ҳаракати умумихалқӣ табдил дода шуда, муборизаи оштинопазир бо фасод дар соли 2026 корҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мегардад.

Ба гуфтаи Сарвари давлат ба муносибати «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият эълон шудани соли 2026» пеш аз ҳама зарур аст, ки кадрҳои насли нав тарбия карда шаванд, ки ташаббускори ислоҳот бошанд, дорои диди стратегӣ, дониши амиқ ва сатҳи баланди тахассус бошанд. «Илм ва маърифат барои баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва маънавии на танҳо ҷавонон, балки тамоми ҷомеаи мо аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Дар ҷое ки илм рушд намеёбад, ақибмондагӣ ва таназзули ҷомеа дар ҳамаи соҳаҳо ба назар мерасад. Мутуфаккирони бузурги Шарқ гуфтаанд: «Бузургтарин сарват — ақлу илм, бузургтарин мерос — тарбияи нек, бузургтарин камбизоатӣ — надоштани дониш аст». Кӯшиши аз худ кардани донишҳои муосир, бофарҳанг ва соҳибмаърифат будан бояд барои ҳамаи мо ба ниёзи ҳаётӣ табдил ёбад», — таъкид намуд Президент.

Роҳбари Ўзбекистон ҳамчунин қайд кард, ки «дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ стандартҳои таҳсилоти олӣ такмил дода шуда, самтҳо ва сохтори фанҳои омӯзишшаванда бозбинӣ мегарданд ва шумораи фанҳое, ки ба ихтисоси интихобшуда иртибот надоранд, ду баробар кам карда мешавад».

— Дар назди мо вазифа меистад, ки авлавиятҳои мушаххасро дар соҳаи илм муайян кунем. Ҳеч як давлат наметавонад ҳамзамон ҳамаи соҳаҳои илмро рушд диҳад. Аз ин рӯ, ҳар сол ба рушди чанд самти муҳими илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар соли ҷорӣ барои рушди васеи таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаҳои математика, кимиё ва биология, геология чораҳо андешида шуда, барои олимон тамоми шароит фароҳам оварда мешавад. Зарур аст платформаи электронии дастовардҳои илмӣ ва пойгоҳи таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ таъсис дода шавад.

Дар Муроҷиатномаи Президент таъкид мегардад, ки ҳар як муассисаи таҳсилоти олӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ бояд ҳамкориро бо донишгоҳҳо ва марказҳои илмии пешрафтаи хориҷӣ ба роҳ монад.

Дар анҷоми муроҷиат Президент зарурати бознигарии Стратегияи «Ўзбекистон – 2030»-ро бо дарназардошти воқеиятҳои нав ва афкори ҷомеа таъкид намуда, изҳор дошт, ки кишвар ба марҳилаи ҳалкунандаи рушд ворид мегардад ва бо нигоҳ доштани ваҳдату ҳамбастагӣ, мардуми Ўзбекистон метавонад ба ҳадафҳои баланд ноил гарданд.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**

# ГЎСФАНДОНИ ЗОТӢ ОВАРДА ШУДАНД

***Вилояти Навоӣ нафақат бо истеҳсоли маҳсулотӣ саноатӣ шуҳрат дорад, балки бо рушди соҳаи чорвопарварӣ низ маъруф аст. Ба рушди ин соҳа дар вилоят имкониятҳои зиёд мавҷуд мебошанд. Саҳроҳои бепоёни дашти Қизилқум барои парвариши чорво қулай ва мусоид буда, ба соҳибкорони чорвопарвар имкон медиҳад, ки ба рушди соҳа саҳмгузор бошанд.***

Чанде пеш, тавассути ҳавопаймои боркаши «Boeing 747» аз Муғулистон ба ноҳияи Конимех, бо мақсади рушди соҳаи чорводорӣ ва зиёд кардани саршумори гӯсфандҳои зотӣ, ба Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Бердибек-Ота чорваси» 2229 сар гӯсфанди зотӣ оварда шуд.

Ин ташаббус дар доираи иҷрои қарори Президент аз 17-уми июли соли 2025 «Дар бораи чораҳои татбиқи созишномаҳое, ки дар бахшҳои кишоварзӣ ва саноати хӯроквorӣ ҳангоми сафари сатҳи баланд ба Муғулистон ба даст омадаанд», амалӣ гардид. Ҳадаф – таъмини иҷрои саривақтӣ ва пурраи вазифаҳои муайяншуда дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати хӯроквории мебошад.

Ҳамзамон, ин кор дар доираи созишномаҳое анҷом дода шуд, ки ҳангоми сафари амалии ҳокими ноҳияи Конимех Руслан Рӯзиев ба Муғулистон оид ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия, аз ҷумла роҳандозии лоиҳаҳо барои зиёд кардани зотҳои сермаҳсули чорвои калон ва гӯсфандҳои зотӣ ба даст омада буданд.

Ба вилоят овардани зотҳои сермаҳсули чорвои калон ва гӯсфандҳои зотӣ идома дорад. Ин ҳама ба манфиати халқ, барои фаровонии зиндагӣ мебошад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар шароите, ки бо ташаббуси Президенти кишварамон робитаҳои ҳамкории хориҷӣ дар самтҳои савдо, иқтисод ва сармоягузорӣ рушд меёбанд, баланд бардоштани имкониятҳои дидбонгоҳҳои сарҳадӣ яке аз вазифаҳои афзалиятнок мебошад.***

# КОРҲОИ ТАҶДИДУ ТАРМИМ ДАР ДИДБОНГОҲИ САРҲАДӢ

Хусусан «Маркази савдои байналмилалии Тирмиз», ки дар вилояти Сурхондарё фаъолият мекунад, дар савдо бо Афғонистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ ба ҳайси маркази муҳими логистикӣ ташаккул ёфта истодааст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар давоми 11 моҳи соли гузашта тавассути дидбонгоҳи «Айритом» 101 миллион нафар шаҳрвандони кишварҳо убур кардаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 330 фоиз зиёд мебошад. Ҷараёни ҳаракати нақлиёт бошад, ба 247,4 ҳазор расида, нисбат ба соли 2024 56 фоиз зиёд шудааст.

Бо дарназардошти афзоиши ҳаҷми бору мусофир, таъмини суръат ва амнияти ҳаракат, зарурати ба марҳилаи нав баровардани инфрасохтори дидбонгоҳҳо ба миён омад. Бо ҳамин мақсад, чанде қабл дар дидбонгоҳи сарҳадии «Айритом» лоиҳаи бозсозӣ расман оғоз ёфт.

Дар чорабинӣ ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов иштирок намуда, бо корҳои таҷдиду тармим ва лоиҳаҳои омодашуда оид ба сохтмони дидбонгоҳи «Боботоғ» шинос шуд. Маълумоти масъулони мақомоти гумрук шунида шуда, иҷрои лоиҳаҳо бо истифодаи технологияҳои муосир, сифати баланд ва дар муҳлатҳои муайян ба масъулон супурда шуд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Нуқтаи назар*

# АМАЛҲОИ ХАЙР ИДОМА ДОРАНД

Дар соли 2025 дар маҳаллаи Ёртеппаи ноҳияи Тӯрақӯрғон барои қаноатмандии мардум корҳои зиёд анҷом дода шуд. Пеш аз ҳама, дар коҳиш додани камбизоатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои афзоиши даромади аҳолӣ ва истифодаи самараноки қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба натиҷаҳои хуб ноил гардидем. Роҳҳои дохилӣ асфалтпӯш карда шуда, мардум бо оби нӯшокӣ таъмин гардид.

Муроҷиатномаи Президенти давлатамонро дар маҷлисгоҳи ноҳия нишаста гӯш кардем. Дастур ва вазифаҳое, ки зикр гардид, барои худамон ҳамчун вазифаи муҳим қабул кардем ва дар асоси он нақшаи корӣ тартиб додем.

Роҳбари давлатамон соли навро «Соли рушди маҳалла ва пешрафти ҷамъият» эълон намуд. Ин барои мо масъулияти калон мебошад.

**Ҳалима АБДУРАҲМОНОВА,**
**раиси маҳаллаи Ёртеппаи ноҳияи Тӯрақӯрғон.**

*Ба пешвози 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан*

# ҶАШНИ МАРДОНАГӢ, ШАЪНУ ШАРАФ ВА САДОҚАТ

***14-январ санаи махсус дар тақвими кишвари мост. Дар ин рӯз Ўзбекистони азизи мо Рӯзи муҳофизони Ватан – ҷашни онҳоеро, ки посбонони сулҳу осоиш мебошанд, ба ҳифзи замин, халқ ва ҳуввиятҳои худ тайёранд, таҷлил мекунад. Овонест, ки мо ба онҳое, ки роҳи хидмат ба Ватан, эҳтиром ба халқу кишварро гузидаанд ва бо матонату садоқати тамом хидмат мекунанд, изҳори сипос менамоем.***

Таърихи Рӯзи муҳофизони Ватан бо ташаккулёбии Нирӯҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон сахт вобаста мебошад.

14-январи соли 1992 Қонун «Дар бораи мудофиа» қабул гардид, ки ба ташаккулёбии артиши миллӣ, артиши кишвари мустақилу озод ибтидо гузошт. Ин рӯз аз он дам рамзи истиқрори давлатдории Ўзбекистон, тимсоли иқтидори таъмин карда тавонистани амнияти худ ва ҳифзи сарҳадҳои хеш гардид.

Ҷашн барои ҳар кадом шаҳрванди Ўзбекистон аҳамияти бузург дорад. Вай муҳимияти сулҳу салоҳ, зарурияти ҳифзу эҳтиёт кардани комёбиҳои бадастомадаро хотиррасон менамояд. Он рӯзест, ки мо қаҳрамониҳои ниёгони хешро, ки дар замонҳои мухталиф сарзамини худро ҳифзу ҳимоя кардаанд, ба хотир меоварем, ба қадри хидмати онҳое мерасем, ки имрӯз сулҳу салоҳи кишвар ва осудагиву осоиши моро ҳифз мекунанд.

Рамзи Рӯзи муҳофизони Ватан симои ҷанговари диловарест, ки нирӯ, ҷасорат ва иродаи қатъиро таҷассум менамояд. Симои мазкур тамоми чорабиниҳои вобаста ба ин ҷашнро дар худ муҷассам намуда, вазифаи олии онҳоеро, ки дар посбонии сулҳу салоҳи мамлакат истодаанд, хотиррасон мекунад.

Парчами давлатии Ўзбекистон рангҳои кабуд, сафед ва сабзро таҷассум кардааст, ки рамзи осмони соф ва абадият, тимсоли сулҳ ва покизагии орзуву омолҳо, намоди ҳосилнокиву ҷавонист. Рангҳои мазкур ёдрас мешаванд, ки муҳофизони Ватан осмони мусаффо ва шукуфоии сарзамини худро ҳифз мекунанд.

Дар Ўзбекистони кунунӣ он бобати таъмин сохтани эътидол ва амнияти минтақавӣ мазмуну муҳтавои махсус касб кардааст.

Нирӯҳои Мусаллаҳи мамлакат мунтазам такмил меёбанд, бо техникаи нав муҷаҳҳаз мешаванд, вобаста ба таҳдид ва хурӯҷҳои замона аз тайёрии ҳарбӣ мегузаранд.

Рӯзи муҳофизони Ватан ҷавононро ба хидмат барои кишвари худ руҳбаланд менамояд, ба афзудани сифатҳои масъулиятшиносӣ, тартибу интизом, ватандӯстӣ ва омодагиашон ба фидокорӣ хидмат мекунад. Дар ин рӯз мо ба ҳамаи онҳое, ки ҳаёти моро беш аз пеш осудатар мекунанд, сидқидилона арзи сипос мекунем, тайёр будани худро ба бунёди ояндаи осудаву шукуфони Ўзбекистони азиз тасдиқ менамоем.

**Ораш АКАБОЕВ,**
**донишҷӯйи соли чоруми Донишгоҳи давлатии забонҳои ҷаҳони Ўзбекистон.**



*Дар филиали Маркази ҷумҳуриявии ёрии таъҷилии тиббӣ дар вилояти Фарғона Маркази таълимӣ-симулятсионӣ оид ба омода ва бозомӯзии кормандони ёрии таъҷилии тиббӣ ба истифода дода шуд.*

*Ҳадафи асосии лоиҳаи мазкур баланд бардоштани сифат ва самаранокии ёрии таъҷилии тиббӣ тавассути такмили малака ва иқтидори кормандони соҳаи тиб мебошад.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона.***

**Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ширкати роҳбарияти корхонаи давлатии «Маркази аккредитатсия» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.**
**Дар чорабинӣ оиди корҳои анҷомдодашуда ва натиҷаҳои бадастомада дар соҳаи мақомоти арзёбии мутобиқат дар соли 2025 маълумот дода шуд ва қайд гардид, ки моҳҳои январ-декабри соли гузашта 79 ҳадомати метрологии мақомоти арзёбии мутобиқат аккредитатсия гардида, дар маҷмӯъ 602 ташкилот дар Системаи миллии аккредитатсия ба қайд гирифта шудаанд.**

# МАРКАЗИ АККРЕДИТАТСИЯИ ЎЗБЕКИСТОН: ДОИРАИ ХИДМАТРАСОНӢ ВАСЕЪ ГАРДИД

Барои таъмини пайвастагии фаъолият мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ, дар давраи ҳисоботӣ дар 456 субъекти аккредитатсияшуда арзёбии даврӣ гузаронида, механизмҳои нави арзёбӣ барои баланд бардоштани самаранокии аккредитатсия ҷорӣ карда шуданд. Аз ҷумла, фаъолияти арзёбии гувоҳӣ ва боздидҳо бе огоҳӣ ба роҳ монда шудааст.

– Доираи хидматрасонии марказ боз ҳам васеъ гардида, амалияи аккредитатсия дар 4 самти нав дар асоси стандартҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ҷорӣ карда шуд, – мегӯяд муовини директори марказ Ш. Йўлдошева. – Бори аввал дар ҷумҳурӣ истеҳсолкунандагони намунаҳои стандартӣ, провайдерҳои санҷиши тахассусӣ, лабораторияҳои ташхиси тиббӣ ва ташкилотҳое, ки бо фаъолияти санҷишӣ машғуланд, дар асоси меъёрҳои байналмилалии таҳияшуда аз ҷониби Созмони байналмилалии стандартизатсия (ISO) ва Комиссияи байналмилалии электротехникӣ (IEC) арзёбӣ карда шуданд. Дар ин самтҳо 3 провайдери санҷиши тахассусӣ, 14 мақомоти санҷишӣ, 3 лабораторияи тиббӣ ва 2 истеҳсолкунандаи намунаҳои стандартӣ аккредитатсия шуданд.

Таҳлили охири соли гузашта як қатор дастовардҳои муҳимро нишон дод. Аз ҷумла, тибқи Созишномаи эътирофи бисёрҷониба (IAF MLA), хидматҳои аккредитатсия барои стандартҳои ISO 13485 ва ISO/IEC 27001 аз моҳи январи соли 2025 дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудаанд. Дар натиҷа, шумораи соҳаҳои аккредитатсияи байналмилалӣ то 10 адад зиёд карда шуд.

Ҳамчунин, бо мақсади фароҳам овардани қулайиҳои иловагӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ, аз моҳи июли соли 2025 талаботи аккредитатсия сода карда шуд. Мӯҳлати бартараф кардани камбудиҳо то чор моҳ дароз гардида, дар сурати тағъйир ёфтани лабораторияҳо ё хидмати метрологӣ ба ҷойи аккредитатсияи такрорӣ тартиби арзёбии содакардашуда ҷорӣ карда шуд.

Дар доираи рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, Маркази аккредитатсияи Ўзбекистон бо мақомоти миллии аккредитатсияи Чин (CNAS), Беларус (BGCA) ва Эрон (NACI) ёддошти тафоҳумро имзо кард. Ғайр аз ин, узвияти комили марказ дар созмони Ҳамкории аккредитатсияи ҷаҳонӣ (GLOBAC) аз моҳи ноябри соли 2025 тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон тибқи натиҷаҳои Индекси ҷаҳонии инфрасохтори сифат (GQII) дар соли 2025, Маркази миллии аккредитатсияи Ўзбекистон дар байни 185 кишвар дар ҷойи 29-ум қарор гирифт. Ин аз эътимоди байналмилалӣ ба инфрасохтори сифат дар кишвар, ҷолибияти он барои сармоягузорони хориҷӣ ва шаффофият, устуворӣ ва самаранокии равандҳои аккредитатсия шаҳодат медиҳад.

**М. МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Дар ин дунё набошад гар муаллим,*
*Бани Одам залилу хор мегашт.*
*Фурӯ рафта ба дарёи ҷаҳолат,*
*Зи бемаърифатӣ афгор мегашт.*

# МАКТАБИ ПЕШСАФ

***Дар саросари кишвари маҳбубамон ҷоизасупории зинаи вилоятии озмуни фанҳои асосӣ баргузор гардид. Хонандагони фаъоле, ки дар ин озмун ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм насибашон шудааст, соҳиби туҳфаҳои гаронбаҳо гаштанд. Саволе ба миён меояд, омӯзгоронеро, ки хонандагонро тарбия намуда, ба ин мартаба расониданд, чӣ интизор аст? Чунки дар пешрафту комёбиҳои шогирд нақши устод бениҳоят калон аст.***




Дар ҳақиқат омӯзгор роҳбалади ҳар як шахс дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Омӯзгор ҳаст, ки дар қалби хонанда нури маърифатро бедор мекунад ва пеши роҳи ҷаҳолатро мегирад.

Қаҳрамони имрӯзаи мо яке аз омӯзгорони соҳибистеъдод, модари меҳрубон ва бонуи боиффат Фарида Муҳиддинова мебошад. Ў дар мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик мебошад. Солҳои тӯлонист, ки муваффақият ва комёбиҳои бемисли омӯзгорону шогирдони ин даргоҳи бонуфуз дар миқёси вилояту ҷумҳурӣ низ эътироф шудааст. Барои ба даст овардани чунин бурдбориҳо саҳми роҳбарияти мактаб низ калон буда, тамоми имкониятҳо барои омӯзишу фаъолияти омӯзгорону шогирдон муҳайёст.

Фарида Муҳиддинова қариб 33 сол мешавад, ки ба насли наврас таълим ва тарбия медиҳад. Тамоми хидматҳои шоёни ин бонуи ҳунарро Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ ба инобат гирифта, соли 2016 бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ўзбекистон» мукофотонида буд.

Тавре, ки гуфтем, мисли ҳамасола зинаи вилоятии озмуни фанҳои асосии гурӯҳи дуюми фанҳо дар аввали декабри соли сипаришуда дар шаҳри Тирмизи бостонӣ ҷамъбаст гардид. Тазаккур бояд дод, ки барои Фарида Муҳиддинова ғолибиятро ба даст овардани шогирдаш – Нилуфар Музаффарова ин муждаи нав набуд, зеро, ки даҳсолаҳост шогирдони мактабаш ба туфайли ин бонуи бофарҳанг ва хирадманд дар ин озмунҳо ғолибиятро ба даст меоваранд. Масалан, соли 2024 ҳашт нафар хонандаи ноҳияи Сариосиё аз фанҳои мухталиф ба озмуни ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд. Аз инҳо танҳо шогирди устод – Фарҳунда Искандарова соҳиби ҷойи аввал гашт ва имрӯзҳо дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз донишҷӯ аст.

Барои хидматҳои шоёнашон ба чунин омӯзгорон аз тарафи Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ мукофотҳои пулӣ ва имкониятҳои зиёди дигар, мисли дар давоми як сол гирифтани иловапулии садфоиза таъин гаштааст, ки ҳоло ин омӯзгор аз он баҳраманд мебошад. Вақте ки дар бораи комёбиҳои муаллим бо худаш суҳбат мекардем, ифтихор карда, номи устоди зиндаёд Абдуллоҳи Раҳмонро ба забон гирифт.

– Ин ҳама заҳмату талошҳоро ман тавассути маслиҳату роҳнамоии устод ба даст овардаам, ки мегуфтанд: «Хоҳӣ, ки ҳамчун устод дар байни халқ шинохта шавӣ, бо хонанда алоҳида кор карда, дар озмуну мусобиқаҳои фаннӣ соҳиби ҷойҳои намоён гард ва ба эҳтироми халқ лоиқ шав. Маро бо шогирдонам Ориф, Саодат, Сайрам, Дилором, Фарида ва садҳои дигар халқам эътироф намуд».

Суханҳои сеҳрангези устодам то ҳол дар гӯшам садо медиҳад. Имрӯз ман бо сари баланд мегӯям, ки «Устоди азиз! Ман насиҳату васияти шуморо ҳаракат мекунам сарбаландона ба ҷо оварам ва устоди шогирдоне мисли дастпарвардаҳои Шумо бошам», – мегӯяд муаллима.

Натиҷаи озмун эълон гардид. Хонандаи синфи 10-уми мактаби рақами 38-уми ноҳияи Сариосиё Нилуфар Музаффарова соҳиби ҷойи дуюм гардид. Баъди мусоҳиба устод бо як табассуми зебо ҷавоб доданд: «Ман аминам, ки Нилуфар давомдиҳандаи кори бобою бибии эҷодкораш – Саодат Сангинова мешавад, чун аллакай намунаи эҷоди ӯ саҳифаи рӯзномаи «Сариосиё»-ро зеб медиҳад...»

– Нилуфар дар муҳити солиму пурзиёи оилавӣ камол меёбад. Дар ин ҷода ёрии волидонаш низ зиёд аст. Модараш зани соҳибмаърифат буда, тамоми хислатҳои неки инсонӣ дар ӯ муҷассам аст, – мегӯяд Фарида Муҳиддинова.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

*Лоиҳаи миллии «Макони сабз» – дар амал*

# «БОҒИ ҲАФТГОНАИ МАҲАЛЛА» ДАР НОҲИЯИ ҶОНДОР

***Бояд таъкид намуд, ки хоҷагии давлатии ҷангали «Ҷондор» беш аз 86 ҳазор гектар майдон дорад. Дар 137 гектар масканҳои ниҳолпарварии мавзеъҳои «Оғар» ва «Рометан»-и хоҷагӣ ниҳолҳои мевадеҳу манзаравӣ рӯёнда, ба хоҷагиҳо расонда мешаванд.***



Ҳамин тариқ, дар нуқтаи аҳолинишини Манқуфи мавзеи «Оғар»-и хоҷагӣ баробари рӯёндани гиёҳҳои шифобахшу маҳсулоти кишоварзӣ дар 5 гектар тут парвариш карда мешавад. Ниҳолҳои дусолаю сесола аллакай ба талабгарон фурӯхта шуданд. Мувофиқи лоиҳаи миллии «Макони сабз» ҷараёни дар атрофи каштзорҳои хоҷагиҳои фермерииии ноҳия шинондани 2 миллион бех ниҳоли тут идома дорад.

Дар арафаи Соли нав бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия ба бунёди «Боғи ҳафтгонаи маҳалла» ибтидо гузошта шуд. Мақсад ободгардонӣ, беҳтарсозии муҳити экологии ноҳия ва сабзу хуррамгардонии муҳити зист аст. Дар ҳудуди 2 гектар бештар аз 2 миллион бех ниҳоли дарахтони мевадор шинонда шуданд. Дар ин кор кормандони ҳокимияти ноҳия, роҳбарони ташкилоту корхонаҳо, ҳафтгонаи маҳалла ва аҳолии ҳудуд иштирок карданд. Боғ, бешубҳа, ба маскани дилкаш ва зебои ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Демун» табдил хоҳад ёфт.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

***Дар Сурхондарё бо мақсади пешгирии чангу ғубор дар 10 ҳазор гектар «макони сабз» бунёд карда мешавад.***

# ҲУДУДИ «МАКОНИ САБЗ» ГУСТАРИШ МЕЁБАД

Президенти кишвар дар Муроҷиатномааш ба Олий Маҷлис ва мардуми сермиллати Ўзбекистон ба масъалаи таъмини мувозинати экологӣ, рушди энергетикаи «сабз» ва истифодаи оқилонаи захираҳои об таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид кард, ки дар вилояти Сурхондарё бо мақсади пешгирии чангу ғубор дар майдони 10 ҳазор гектар «макони сабз» бунёд карда мешавад.

Дар доираи иҷрои ин вазифаҳо дар вилоят корҳои амалӣ оғоз гардидаанд. Аз ҷумла, дар ҳудуди ҳаммарзи ноҳияҳои Ангор ва Тирмиз, дар канори роҳи байналмилалии автомобилгарди М-39, лоиҳаи бунёди «камарбанди сабз» дар масоҳати 220 гектар тавассути шинондани 16 миллион бех ниҳол амалӣ мегардад.

Ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов бо рафти корҳое, ки дар доираи ин лоиҳа бояд анҷом ёбанд, шинос шуда, бо роҳбарони масъул вазифаҳои минбаъдаро мавриди баррасӣ қарор дод. Оид ба иҷрои супоришҳое, ки дар Муроҷиатномаи Сарвари давлат муайян гардидаанд, хусусан, вазифаҳои ба таъмини мувозинати экологӣ нигаронидашуда чорабиниҳои дақиқ андешида шуданд.

Ба масъулон супориш дода шуд, ки лоиҳаи «камарбанди сабз»-ро дар сатҳи баланд татбиқ созанд, ба корҳои ниҳолшинонӣ омодагии ҷиддӣ бинанд ва бо дарназардошти шароити иқлим ва хок навъҳои дарахтонро дуруст интихоб намоянд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Муносибат*

***Дар Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис ва мардуми Ўзбекистон аз 26 декабри соли 2025 дар назди ходимони маориф низ вазифаҳои муҳим гузошта шуд.***

# МАОРИФ – АСОСИ РУШДИ ИҶТИМОӢ

Дар Муроҷиатнома дар бораи сифати таълим, мустаҳкам намудани ҳамоҳангии тарбия ва арзишҳо, омода кардани хонандагон ба ҳаёт ва касбу ҳунар ҳамчун вазифаҳои муҳим муайян карда шуд. Инчунин, ташкили самараноки корҳои таълим дар асоси принсипи ҳамкории оила – маҳалла – мактаб, ташкил намудани «Шаҳраки касбҳо» қайд карда шуд.

Таъкид гардид, ки ҷудо кардани маблағҳои буҷавӣ барои беҳтар кардани сифат ва инфрасохтори таълим хидмат хоҳад кард.

Навсозии техникумҳо ва ҷорӣ намудани барномаҳои байналмилалӣ барои омода кардани имкониятҳои васеъ ба хонандагони мактабҳо барои интихоби касб фароҳам меорад.

Хулоса, дар Муроҷиатнома низоми ба сатҳи нав баровардани сифат, самара ва кори таълиму тарбия ба миён гузошта шудааст. Мо якҷоя бо ҷамоаи педагогӣ вазифаҳои зикршударо пурра дастгирӣ мекунем ва мунтазам амалӣ мегардонем.

**Р. ШАРИПОВА,**
**директори мактаби**
**таълими ҳамагонии**
**56-уми ноҳияи**
**Давлатободи шаҳри**
**Намангон.**

# ТАБАССУМИ СОЛИНАВӢ

Иди Соли нав ин оғози таомхӯрии шомест, ки бо наҳорӣ ба анҷом мерасад...

***

Соли нав! Соли нав!! Соли нав!!! – ҷигари мо аз нӯшидани шароби бисёр бонг мезанад.

***

Пурсиши телефонӣ, ки субҳи 1-уми январ гузаронида шуд, натиҷаҳои зеринро дод: 2 дарсади пурсидашудагон ҷавоби «бале», 3 фоиз ҷавоби «ало» доданд. 95 дарсади боқимонда ба ҷавоб гардонидан мушкилӣ кашиданд.

***

Ҷашни Соли нав дар хонаводаи ҳамсоя шавқовар ва пурҷӯшу хурӯш гузашт. Инро ҳам ходимони милитсия ва ҳам хадамоти оташнишонӣ тасдиқ карданд.

***

Ман рӯйхати тӯҳфаҳои солинавиро тартиб додам ва ба қароре омадам, ки бо ҳама ҷанҷол кардан хеле арзонтар меафтад.

***

Ҳангоми ба зиёфати корпоративии Соли нав рафтан, дар хотир доред, ки шумо минбаъд ҳам бояд бо ин одамон кор кунед.

***

Хориҷиён то ҳол фаҳмида наметавонанд: президенти Русия дар бораи Соли нав чӣ мегӯяд, ки мардуми ин кишварро водор месозад, ки 10 рӯз нӯшанд.

***

Соли нав! Дар ҳама ҷо аксияҳо ва арзоншавии нархҳо эълон мешаванд. Ва танҳо дар таксӣ ҳама чиз одилона ва аз рӯйи виҷдон аст – то ба манзиле, ки қаблан 20 ҳазор сӯм буд, ҳоло 40 ҳазор сӯм аст.

***

Баъд аз Соли нав, шумо ҳатто ба арақ нигоҳ карда наметавонед. Вале арақ барои тамошо кардан нест.

***

Шавҳар аз занаш мепурсад:

– Соро, барои Соли нав ба шумо чӣ туҳфа кунам: пӯстини нав ё саёҳат ба Париж?

– Саёҳат ба Париж. Мегӯянд, ки пӯстин дар он ҷо арзонтар аст...

Таҳия ва тарҷимаи

**Бахтиёри ҶУМЪА.**

# БОЗОРҲО РАҚАМӢ МЕГАРДАНД

Рушди устувор ва тараққиёти ҷаҳони муосирро бе истифодабарию ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст. Омили асосии рушди устувори кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдкарда ба такмил, беҳтаршавӣ ва тағйироти пайваста вобастагӣ дорад. Рушди устувори иқтисодиёт ба омилҳои асосӣ: иқтисодиёти рақамӣ ва рақамикунонии кишвар алоқаманд аст. Истилоҳи рақамикунониро ҳамчун ифодаи технология дар раванди идоракунии иқтисодиёт, аз он ҷумла дар бозорҳо, танзими ҷойгиркунӣ ва истеъмоли молу хидматрасониҳо фаҳмидан мумкин аст. Рақамикунонӣ як раванди гузариши корхонаи алоҳида ё тамоми бахшҳои иқтисодиёт бо василаҳои нави тиҷорат, усулҳои идоракунӣ ва истеҳсолот тавассути муҷаҳҳаз сохтани онҳо бо технологияҳои муосир мебошад. Зеро технологияҳои рақамӣ барои инсон имконияти нави воридшавӣ ба тамоми фаъолиятҳои ҷамъиятиро фароҳам овардааст. Вазифаи муҳими рушди ояндаи иқтисоди Ўзбекистон гузаштан ба модели нави рушди иқтисодӣ дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ мебошад.

– Технологияҳои рақамӣ дар бозорҳо барои ба танзим даровардани фаъолияти онҳо ҷорӣ мешавад. Моҳи июли соли 2025 миёни ҶММ «Саховат бозори» ва ҶММ «REALSOFT» шартномаи литсензиявӣ барои рақамисозии бозорҳои «Гулистон» ва «Бозори маркази деҳқонӣ» ба имзо расидааст, — мегӯяд директори «Бозори марказии деҳқонӣ»-и шаҳри Навоӣ Ҷумъамурод Каримов.

Дар «Бозори марказии деҳқонӣ»-и шаҳри Навоӣ ҷамъ 1247 раста ва 376 нуқтаи савдои доимӣ мавҷуд. Бо мақсади назорати фаъолияти соҳибкорон то имрӯз дар ҳудуди бозор 66 камераи назоратӣ насб шудаанд. Ин бозор ба таври пурра бо ҷамъияти саҳҳомии «SMART MARKETPLACE» ва сомонаи solig.uz интегратсия карда шудааст.

Илова бар ин, тавассути принтери мобилии XPRINTER XP – P – 502A низоми чопи чек, назорати ишғол будани растаҳо, пайгирии даромади моҳонаи нуқтаҳои доимии савдо ва қабули пардохтҳо пурра ба кор даровара шудааст.

Ҳамзамон, дар таваққуфгоҳи автомобилии ҳудуди бозор низ камераҳо насб гардида, тавассути сомонаи https://ragamli – bozor. uz/ маълумот дар бораи бозор ва нақшаи ҷойгиршавии растаҳоро пурра дидан мумкин аст. Ин ҳолат имконият медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорон ва маъмурияти бозор шаффоф роҳандозӣ гардида, ба ҳолатҳои коррупсионӣ барҳам дода шавад.

Ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов ба ҳудуди маҷмааи бозор омада, бо корҳои анҷомёфта дар самти рақамисозӣ, сатҳи ободонии бозор, инчунин шароити фароҳам овардашуда барои соҳибкорон, фурӯшандагон ва мизоҷон аз наздик шинос шуд.

Ҳамчунин, ҳокими вилоят ба бозори деҳқонии Кармана омада, ба тартибу озодагии ҳудуд, низоми назорати шуғли соҳибкорон, фаъолияти камераҳои назоратии дар маҷмааи савдо насбшуда ва раванди рақамисозӣ аз наздик шинос шуд. Ў бо соҳибкорон ва фурӯшандагони дар ҳудуди бозор фаъолиятдошта мулоқот кард, андеша ва мулоҳизаҳои онҳоро шунид. Илова бар ин, бо лоиҳаи тағйир додани симо ва намуди зоҳирии бозор (барномаи навсозии бозор) шинос гардида, ҷиҳати такмил ва беҳтар намудани корҳо ба масъулон супориш ва тавсияҳо дод.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Мусоҳиба*

# «АГАР РӮЙИ МИЗИ ЖУРНАЛИСТ ЧАНГ БИГИРАД...»

**Бо журналист, муаллифи чандин филмҳои мустанад Шариф Ҳамдампур ҳангоми сафараш дар Самарқанд суҳбат оростем.**



**– Муҳтарам Шариф Ҳамдампур, нахуст худро ба хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» муаррифӣ мекардед...**

– Агар аз равзанаи имрӯз ба дирӯз назар андозам, роҳи тайкардаи камина одиву маъмулист, яъне: мактаб, донишгоҳ, аввалин қадамҳо дар ҷодаи рӯзноманигорӣ...

Интихоби огоҳонаи касб маро ба факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов, ба мактабе овард, ки дар он на танҳо касб, балки боз дарси масъулият низ омӯзонида мешавад. Таҷрибаомӯзӣ ва давраи аввали фаъолияти рӯзноманигориро дар «Комсомольская правда» – нашрияе оғоз кардам, ки он солҳо на танҳо машҳур буд, балки дар ташаккули афкори ҷомеа нақши бориз дошт.

Як лаҳзаи бароям, бидуни муболиға муҳим – соли 1983 иштирок дар озмуни байналмилалии «Комсомольская правда» буд, ки дар он очерки ман бо номи «Аз пайи лоҷвард» ғолиб дониста шуд. Воқеан, вақте ниҳоштаи қаламӣ ту, сухани туро эътироф мекунанд, масарратбахш аст.

Пас рӯзноманигориро дар Душанбе идома додам. Ибтидо муҳаррири илмии маҷаллаи «Коммунист Таджикистана», сипас шореҳи ҳафтаномаи «Омӯзгор» будам. Соли 1990 маро ба вазифаи муҳаррири масъули рӯзномаи навтаъсиси парлумон «Садои мардум» пешбарӣ карданд.

**– Шумо бо кадом ҳадаф ба Самарқанд ташриф овардед?**

– Самарқандро барои худ шаҳри бегона намешуморам. Ман зодаи Панҷакент ҳастам, ки аз Самарқанд ҳамагӣ панҷоҳ километр фосила дорад. Дар замони Шӯравӣ ин масофа тақрибан эҳсос намешуд, дар байни Самарқанду Панҷакент автобус ҳаракат мекард, миёни Панҷакенту Душанбе ҳар рӯз чандин парвози ҳавопаймо анҷом меёфт. Самарқандиҳо субҳ ба Душанбе парвоз карда, рӯзро дар Дараи Варзоб мегузаронданд ва шомгоҳ боз ба хонаи худ бармегаштанд. Яъне фазои ягонаи фарҳангӣ ва инсонӣ вуҷуд дошт.

Ба шарофати талошҳои пайгиронаи роҳбарони муҳтарам – Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев роҳҳо дубора боз шуданд, муносибатҳои анъанавии дӯстонаи кишварҳо барқарор гардиданд.

Аз ин рӯ сафари ман ба сифати меҳмон нест, балки бозгашт ба муҳити ошно ва наздик аст, ки дар он таърих, забон, суннат ва хотира ба таври табиӣ даромехтаанд. Дар ин шаҳр на танҳо нафаси асрҳо, балки пайванди зиндаи дирӯз бо имрӯз эҳсос мешавад.

Албатта ҳузури кунуниам дар Самарқанд сабаби дигар ҳам дорад. Ман рӯйи китобе дар бораи оҳангсози номӣ Толибхон Шаҳидӣ кор мекунам. Мавсуф шахсияти шинохтааст ва танҳо ифтихори халқи тоҷик не, балки тамоми минтақаи Осиёи Миёна мебошад. Хонаи падарии ӯ – оҳангсози бузург, арбоби ҷамъиятӣ ва замоне раиси Иттиҳоди оҳангсозони Тоҷикистон Зиёдуллоҳ Шаҳидиро дидам. Баҳори соли оянда Толибхон Шаҳидӣ 80-сола мешавад, бароям хеле муҳим аст, ки асарро то таҷлили ҷашн нависам.

**– Чанд сухан дар бораи журналистика ва мақому мавқеи журналист мегуфтед...**

– Журналистика барои ман тасодуфӣ нест. Ин интихоб «аз рӯи тақсимот» ё тариқи расидан ба «манзалат» набуд. Он интихоби ботинӣ буд. Ҳанӯз дар давраи таҳсил фаҳмидам, ки танҳо сабти рӯйдодҳо не, балки таҳлили онҳо ва бо қалам шоҳиди ҳаводиси замин будан муҳим аст. Журналистика барои ман ба муколама бо замон ва мардуми он табдил ёфт.

Ба назарам, рисолати журналист, нависанда ва умуман эҷодкор на дар узвияти ӯ ба ягон иттифоқ ё созмон, шумораи унвону ҷоизаҳояш аст, балки дар қобилияти дарки рӯҳи замон доштани ӯст. Вай бояд вақте сухан гӯяд, ки аксар хомӯшанд, он чизеро гӯяд, ки дигарон аз гуфтани он ҳарос доранд. Баъд аз сари худ матнҳоеро боқӣ гузорад, ки наслҳои оянда бо мутолиаи он чӣ гуна ва барои чӣ чунин зиндагӣ доштани гузаштагони худро дарк кунанд.

**– Аз назари Шумо муҳимтарин сифати журналист чист ва журналисти ҳақиқӣ чӣ гуна бояд бошад? Дар интихоби мавзӯъ бештар ба чӣ аҳамият медиҳед?**

– Журналисти ҳақиқӣ, пеш аз ҳама, шахсест, ки дар пояи мустаҳками ахлоқӣ қарор дорад. Ӯро аз рӯйи диплом, мансаб ва шаҳодатномаи ягон нашрия намешиносанд. Ӯ ё ҳаст, ё нест. Журналист метавонад хато кунад, шак орад, нуқтаи назарашро тағйир диҳад, аммо ҳақ надорад огоҳона дурӯғ гӯяд ва барои дурӯғ хидмат кунад.

Барои ман журналист шоҳиди замон аст. Ӯ вазифадор аст дар ҷое бошад, ки барояш чандон гуворо нест, душвор ва хатарнок аст. Вазифаи ӯ обуранг додани воқеият ё мутобиқ сохтани он ба интизориҳо нест, балки сабти ҳақиқат аст.

Журналисти ҳақиқӣ аз дунболи воқеа намеравад, воқеаро пешбинӣ мекунад. Имрӯз ӯ барои ҳамасрон менависад, аммо дар асл навиштаҳояш ба оянда равона шудаанд, тоояндагон бошанд, ки мо чӣ гуна зиндагӣ мекардем, дар кадом ҳолат хомӯшӣ мепазируфтем ва бо чӣ қимате комёб ё ноком шудем.

Муҳимтарин сифати журналист масъулият барои сухан аст. Сухан метавонад нигаҳбони сар бошад, ё баръакс. Аз ин рӯ, журналисти ҳақиқӣ набояд сабукандеш бошад.

Ва дар ниҳоят, журналисти ҳақиқӣ набояд одами «қулай» ё мувофиқ бошад. Ҳамин ки ӯ барои ҳама «қулай» шуд, дигар журналист нест.

Камина бештар дар мавзӯъҳое менависам, ки бароям ҷолибанд. Он пеш аз ҳама сиёсат аст. На ба маънои маҳдуд, балки ҳамчун фазое, ки дар он сарнавишти инсон ҳал мешавад. Ҳаёти мо комилан бо сиёсат алоқаманд аст: қадами ҷониби рост – сиёсат, қадами ҷониби чап – боз сиёсат. Он дар маориф, фарҳанг, забон, нархи нон ва тақдири инсон ҳузур дорад. Ҳатто кӯшиши канорагирӣ аз сиёсат ҳам, худ як интихоби сиёсист.

Дар баробари ин барои ман худи қудрат муҳим нест, балки инсоне муҳим аст, ки дар сари қудрат аст: ангеза, талош, ҷонфидоӣ, тарс, хаёл, масъулият ва танҳоии ӯ. Ба ростӣ намедонам чаро жанри мусоҳиба ба дилам наздик аст, вале бештар мусоҳиба менависам. Шояд барои он ки ман метавонам на танҳо савол диҳам, балки ҳамсуҳбатамро бишнавам. Мусоҳиба на бозпурсисту намоиш, балки лаҳзаи нодири баёни ростин аст. Билхоса, даме, ки инсон барои чанд дақиқа, бо ту танҳо рӯ ба рӯ мемонад.

Дар тӯли солҳо ман бо панҷ президенти кишварҳои гуногун ва беш аз даҳ вазирони корҳои хориҷӣ мусоҳиба анҷом додаам. Ҳамаи ин суҳбатҳо ба китобҳоям ворид шудаанд, зеро ман онҳоро на хабари рӯз, балки ҳуҷҷати давр мешуморам. Маро дар онҳо на шиор ва протокол, балки сухани зинда, он чиз, ки байни сатрҳо мемонад, ҷалб мекарду мекунад.

Ҷойгоҳи махсусро дар ин миён суҳбатҳо бо Президенти Исроил Шимон Перес ишғол мекунад. Ӯ барои ман, пеш аз ҳама, бо он ки сиёсатмадори файласуф буд, ҷолиб менамуд.

**– Шумо, ки роҳи бузурги журналистиро тай кардаед, ба қаламкашони ҷавони саргаҳи ин шоҳроҳ чӣ маслиҳат медиҳед?**

– Маслиҳати хеле сода: суханро эҳтиром кунанд, шитоб накунанд. Дар замони мо суръат бисёр вақт маъниро иваз мекунад ва миқдор ҷойи сифатро мегирад. Муҳим нест, ки ба ҳар қимат аввалин бошед, муҳим дақиқ ва ростқавл будан аст.

Дуюм, гӯш кардан, яъне шуниданро омӯзанд. Хабарнигори хуб аз дигар ҳамтоёни худ бо шумораи саволҳо не, балки бо қобилияти шунидани чизе, ки ҳамсуҳбаташ дар байни сатрҳо мегӯяд, фарқ мекунад. Бисёр вақт ҳақиқати муҳим дар сукут зоҳир мешавад. Сеюм, аз нигоштани мавзӯъҳои душвор ва додани саволҳои ноҳинҷор наҳаросанд. Аммо чунин саволҳо бояд бо дарки масъулият ва андешаи паёмадҳояш ба чоп дода шаванд.

Ва ниҳоят, рисолатро бо мансаб иваз накунанд. Мансаб, шуҳрат ва ҳаққи қалам меоянду мераванд, аммо обрӯ мемонад. Агар журналист аз оғоз тавонад тавре кор кунад, ки баъд аз солҳо аз дубора хондани навиштаҳояш шарм накунад, пас ӯ роҳи дурустро интихоб кардааст.

Ман дар роҳи тӯлонии журналистика ба қавле дар «пӯст» ё «ҷилд»-и аз мусаҳҳеҳ то сармуҳаррир будам. Душвортарин кор пайдо кардани мавзӯъҳое мебошад, ки доираи васеи хонандагонро фаро гиранд. Рӯзи кори муҳаррир хеле танг аст: ҳам эҷод, ҳам бори масъулият. Муҳаррир ҳамзамон бояд нависанда, сиёсатмадор ва равоншинос бошад ва, пеш аз ҳама, бояд журналист бимонад.

Журналистӣ касби ман аст. Ёд дорам, рӯзе дар мактабамон озмуни беҳтарин иншо эълон карданд Ҷоиза қалами худкор буд. Имрӯз ночиз менамояд, аммо он вақт ин қалам беҳтарин мукофот маҳсуб меёфт. Ман бо ҳусни хат ва мундариҷаи иншо ғолиб омадам. Он пирӯзӣ чунон илҳом бахшид, ки дигар ҳеҷ гоҳ қаламро аз даст нагузоштам.

Солҳо баъд, вақте ки бо рӯзномаи «Комсомольская правда» ҳамкорӣ мекардам, дар толори нашрия бо журналисти маъруф Василий Песков вохӯрдам. Аз суҳбати кӯтоҳ ин гуфтаи ӯ дар хотирам нақш бастааст: «Агар рӯйи мизи журналист чанг бигирад, донед, ки ӯ дигар журналист нест».

**Мусоҳиб Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Ба муносабати 34-умин солгарди таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Рӯзи муҳофизони Ватан дар саросари ҷумҳурӣ таҳти шиори «Артиши миллӣ – сипари Ватан, посбони сулҳи мост!» ҷашнвораҳои ватандӯстӣ оғоз ёфтанд.*

## АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ВАТАН

Дар доираи моҳонаи «Ватанпарварӣ» баргузории чорабиниҳои гуногун дар миқёси васеъ ба нақша гирифта шудааст.

Ба ин муносибат дар мактаби таълими умумии рақами 4-уми ноҳияи Тӯрақӯрғон чорабинии хотирмон баргузор гардид. Дар он собиқадорони Қувваҳои мусаллаҳ, хидматчиёни ҳарбӣ ва ҷавонон иштирок карданд. Дар бораи моҳияти моҳи ҳарбӣ-ватандӯстӣ, ки аз 15 декабр то 15 январи соли ҷорӣ идома меёбад, андешаҳо шунида шуданд.

Намояндагони қисми ҳарбии дар ноҳияи Поп ҷойгиршуда намоишҳои ҳарбӣ нишон доданд.

Аз тарафи маъмурияти мактаб ба хонандагони пешқадам, варзишгарони фаъол ва устозони онҳо туҳфа ва ташаккурномаҳо тақдим карда шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

## ОМӮЗГОРОНИ ҒОЗҒОНӢ – ПЕШСАФ

*Моҳҳои август-декабри соли гузашта тарбиячиён ва омӯзгорони муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аз аттестатсия гузаронида шуданд. Аз он натиҷабардорӣ намуданд.*

Ошкор гардид, ки тарбиячиён ва омӯзгорони шаҳри Ғозғони вилояти Навоӣ бо ҷамъ овардани 61,74 хол дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро ишғол намуданд. Омӯзгорони шаҳри Навоӣ бошанд, бо ба даст овардани 61,13 хол дар зинаи дуюм қарор гирифтанд.

Боиси таъкид аст, ки омӯзгорони 7 ноҳияву шаҳрҳои вилоят дар байни 30-гонаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мақом гирифтаанд. Инҳо: шаҳрҳои Ғозғон, Навоӣ ва Зарафшон, ноҳияҳои Навбаҳор, Қизилтепа, Учқудуқ ва Томдӣ мебошанд. Ин ҳама шаҳодат медиҳад, ки ислоҳотиояндасози соҳаи таълим дар вилоят самаранок татбиқ мешавад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

*Дар нигористон*

## «ДАР ТӮЛИ АСРҲО»

*Дар намоишгоҳи Қасри байналхалқии фарҳанги Икуо Хироямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон ифтитоҳи аввалин намоишгоҳи шахсии мусаввири миниатюра Хайриддин Муҳиддинов таҳти номи «Дар тӯли асрҳо» баргузор шуд.*

Дар намоишгоҳ «Роҳи абрешим», «Арӯс», «Шаҳзода», «Тӯмарис ва сафири Форс», «Бобур дар Афғонистон», «Шоҳ ва гадо», «Маликаи ҳинд», «Ҳавлии кӯҳна», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусрав ва Ширин», «Мусобиқаи гӯштингирии ду миллат», «Корвони Астрахан» ва дигар асарҳо ба намоиш гузошта шудааст. Дар ин асарҳо мероси фарҳанги миллӣ, шахсони таърихӣ, арзишҳои миллӣ ва симои шахсони бузург инъикос ёфтааст.

Эҷодкор Хайриддин Муҳиддинов соли 1971 дар шаҳри Тошканд таваллуд ёфтааст. Дар мактаби ҷумҳуриявии бадеии ба номи Бенков таҳсил гирифтааст. Ӯ узви Иттифоқи рассомони Ӯзбекистон аст. Асарҳои рассомро дар осорхонаҳои мамлакати худамон ва ҳам дар хориҷа дидан мумкин аст.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

*Ба пешвози 14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан*

# ВАТАН САР МЕШАВАД АЗ ГАҲВОРА

*Ватан сар мешавад аз гаҳвора,*
*Зи шири поку аз пистони модар,*
*Ватан сар мешавад*
*аз он тавора,*
*Ки онро сохта дастони модар.*
*Ватан беҳбудию беҳрӯзии мост,*
*Ватан хушномию фирӯзии мост.*
**(Лоиқ)**

Равшан аст, ки ҳама гуна тарбия, аз ҷумла тарбияи ватандӯстӣ низ аз хурдӣ шурӯъ меёбад. Мо бояд насли наврасро аз хурдӣ дар рӯҳи муҳаббат ба Ватану миллат, таъриху фарҳанг таълим ва тарбия бинамоем.

Ба андешаи мо тарбияро аз кӯдакистонҳо бояд оғоз намоем. Нахустин вожаҳое, ки бояд атфол дар кӯдакистон аз мураббиён биёмӯзанд: Ватан, Ӯзбекистон, Падар, Модар, Миллат, Сино, Рӯдакӣ, Навоӣ, «Авесто»... бошад. Дурусттараш, ин корро бояд аз гаҳвора, ки ватани аввалини инсон аст, сар кард. Дигар ин ки кӯдакистонҳо бояд тоҷикӣ бошанд ва тарбия низ тоҷикиву урфӣ. Зарурати таълиму тарбияро ба забони модарӣ дар кӯдакистонҳо борҳо таъкид карда бошанд ҳам, мутаассифона, то ҳол кӯдакистонҳои соф тоҷикӣ, ки аз рӯи барномаву дастуроти муайяни тоҷикӣ ва тарбияи суннатӣ амал намоянд, дар ҷумҳурӣ кам вомехӯранд. Албатта, ҳамаи ин баояндаи кӯдакони мо таъсири манфӣ мерасонад ва онҳоро бегонагарою худношинос месозад, ки мо самараи инро солҳои тӯлонӣ дидему чашидем. Дар боби носудманд будани таълим ва тарбия ба забони ғайримодарӣ мисолҳо ва гуфтаҳо хеле зиёданд. Мо ин ҷо як гуфтаи Устод Айниро иқтибос мекунем:

«Ононе, ки аз усули тарбия ва таълим қадре хабар доранд, медонанд, ки хонондани тифл ба забоне, ки аз модараш нашунидааст, на ин ки ғайринофеъ, балки харобкунандаи истеъдод ва истиқболи он тифл аст. Ба фикри камина, забони мактаб бояд он забон бошад, ки тифл бо модараш ҳарф мезанад».

Шоири фарзонаи Тӯс Абулқосим Фирдавсӣ хонандаву тарбиятгарро ба мардонагиву далериву ҷонфидоӣ ва дӯст доштани кишвар ҳидоят менамояд:

*Нигоҳ кун бад-ин лашкари*
*номдор,*
*Ҷавонони шоистаи корзор.*
*Зи баҳри бару буму*
*фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду*
*пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан*
*диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба*
*душман диҳем.*

Яке аз рукнҳои муҳими ватандӯстӣ дӯст доштани забони модарист. Дар боби аҳамият ва судмандии забони модарӣ ва дӯст доштану донистани он устод Лоҳутӣ дар ёддоштҳояш қиссаи ҷолибе карда:

«Дар яке аз кӯчаҳои Аврупо тоҷирзодаи ирониро дидам, дафтару хома дар даст мерафту мегирист ва ҳайратзада ба атрофи худ менигарист. Сабаб пурсидам, посух дод:

– Ба дабистони урупоӣ меравам ва дар он ҷо кӯдаке иронӣ ҳастам. Имрӯз, ки ҷашни солиёнаи дабистон буд, аз кӯдакони ҳар миллат ба забони хеш гуфторе хонда ва номае сурӯданд ҷуз ман, ки аз надонистани забони худ шарманда шудам ва сарафканда мондаму ночор калимае чанд ба лисони маҳаллӣ хондам. Акнун ҳамдарсонам ба иллати ин ғафлат ба чашми ҳақорат менигаранд ва бо масхара аз хешам меронанд!

Гуфтам:

– Ҳақ доранд:

*Фарзонагон чӣ гуна ба худ ошно*
*кунанд,*
*Бегонае, ки менашиносад*
*забони хеш.*
*Дар хонадони ғайр мукаррам*
*чӣ сон фитад,*
*К-ӯ аҷнабист дар ҳараму*
*хонадони хеш».*

Ҳамин тариқ, мо бояд аз хурдӣ хонандагонро ба дӯст доштани забон, Ватан, модар ва мероси аҷдод – эҳтироми ойинҳои миллат, фарҳангу маънавиёти гузаштаи хеш водорем.

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор**
**аз ноҳияи Фориш.**

*Пайдост, ки миёни Театри драмаи мусиқии вилояти Сурхондарё ва Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 ноябри соли 2023 меморандуми ҳамкорӣ имзо шуда буд.*

## ТЕАТРИ ДРАМАИ МУСИҚИИ СУРХОНДАРЁ ДАР ТОҶИКИСТОН



Дар асоси ҳамин меморандум моҳи декабри соли 2025 як гурӯҳ санъаткорони театри мусиқӣ-драмавии вилояти Сурхондарё барои намоиши асари «Макр ва муҳаббат»-и драматурги олмон Ф. Шиллер дар шаҳри Душанбеи Тоҷикистон сафари ҳунарӣ ба анҷом расониданд.

Намоишнома ба тамошобинон тассуроти хуб гузошт, дар баробари додани баҳои баланд, арзи сипос намуданд. Дар охир фикр ва мулоҳизаҳои худро низ изҳор доштанд.

Дар намоишнома ба кори коргардон Мирзоҳамдам Файзуллоев: «ба асар ҷони дигар бахшидааст» ва ба кори рассом Хайрулло Чоршанбиев: «стенографияи авангардона ҷорӣ намудааст» гӯён алоҳида эътибор дода, аз ҷониби тамошобинону мутахассисони ҳирфаии тоҷикистонӣ эътироф карда шуд.

Инчунин, ҳунарпешагони халқии Тоҷикистон Асилбек Назриев ва Тӯрахон Аҳмадхонов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Султонмурод Бобомуродзода, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, педагог ва драматург Абдулмуъмин Сафирӣ, хонандаи академӣ, актёр, коргардон ва директори театр Машраб Абдукарим Ибодулло фикрҳои ҷолиби худро изҳор карданд, ки минбаъд низ робитаҳои фарҳангӣ ва ҳунарии ҳар ду давлат бояд боз ҳам инкишоф ёбанд ва миёни ду халқ меҳру муҳаббат, дӯстиву бародарӣ ва равобити ҳама соҳаҳо қавию сермаҳсултар гардад.

**Ҳамза ХОНОВ,**
**ҷонишини директор оид ба корҳои эҷодии Театри драмаи мусиқии вилояти Сурхондарё.**

## ТУҲФАИ СОЛИНАВӢ

*Дар арафаи Соли нав дар ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон бинои нави поликлиника ба истифода дода шуд.*

Дар бинои поликлиникаи оилавии рақами 11, ки бо харҷи 2 млрд. 757 млн. сӯм аз нав сохта шудааст, тамоми шароит ва имкониятҳои корӣ, таҷҳизоти зарурӣ барои хидматрасонии ташхисӣ ва пешгирикунанда барои шифокорону беморон фароҳам оварда шудааст.

Поликлиника дар як рӯз ба 100 нафар шаҳрванд хидмат мерасонад. Дар ҳудуди ин муассисаи тиббӣ 21789 нафар шаҳрвандон барои кумаки тиббии аввалини хидматрасонӣ ба рӯйхат гирифта шудаанд.

Муассисаи тиббӣ дар ҳифзи саломатии аҳолӣ, саривақт пешгирии беморӣ нақши муҳим мебозад.

## ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

*Дар ноҳияи Учқӯрғон бинои нави муассисаи давлатии таълими томактабии рақами 43 аз нав сохта, ба истифода дода шуд.*

Муассисаи нав барои 150 ҷой пешбинӣ шудааст ва дар биное, ки ба талабот пурра ҷавоб медиҳад, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар маросими кушодашавии муассиса ҳокими вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов, куҳансолони фаъол, масъулони соҳа ва маҳалла иштирок карданд.

– Сохтмони чунин муассисаҳои замонавӣ барои падару модарон низ аҳамияти калон дорад, – мегӯяд яке аз иштирокчиёни чорабинӣ, ки Маҳфуза ном дошт. – Хонаҳо гарм, шароит ба талаби замон ҷавоб медиҳад. Муассисаи нав барои кӯдакони маҳалла шодмонӣ бахшида, ба онҳо туҳфаи солинавӣ шуд. Албатта ин қулаиҳо дар таълиму тарбияи насли наврас низ аҳамияти калон дорад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3154. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.